# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ). – Хуҷанд, 2025. – 169 с.**

Забоншиносии тоҷик дар баробари риштаҳои дигари илмӣ дар самтҳои мубрами таҳқиқу пажуҳиш, аз ҷумла, доир ба таносуби калимаҳои асарҳои таърихӣ бо лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ муваффақона ташаккул меёбад. Ба ин васила, вижагиҳои гуногуни лексикаи забони тоҷикӣ аз тарафи муҳаққиқони забоншинос мавриди таҳқиқу омӯзиши амиқ қарор гирифта истодааст. Даврони соҳибистиқлолӣ барои таҷдиди арзишҳои миллӣ ва махсусан, посдории асолати забони миллӣ имкониятҳои бесобиқаеро фароҳам меоварад, ки дар заминаи он илми забоншиносии тоҷик ба дастовардҳои бемисли илмӣ ноил гардидааст.

Дар ин замина, баррасии **«Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)»** яке аз самтҳои назаррас ва қобили қабул муаррифӣ мешавад. Бинобар ин, таҳқиқоти **Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ** ба яке аз масъалаҳои мубрам ва басо таҳқиқталабро фаро гирифта, ба ҷанбаҳои ҳалталаб ва муҳимми забоншиносии тоҷик равшанӣ андохтааст.

Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ вожаҳое ба назар мерасанд, ки хеле қадимӣ буда, ифодагари номҳои ашёҳои гуногун мебошанд. Ба риштаи таҳқиқ кашидани ин қабил калимаҳо дар заминаи маводи сарчашмаҳои куҳани забон имкон медиҳад, ки хусусиятҳои пойдормонии онҳо дар доираи гӯйишҳо ошкор карда шавад.

Ҳадафи диссертатсияи мазкур таҳқиқ намудани вижагиҳои маҳфузмонии аносири луғавии дар «Нафаҳот-ул-унс» дучороянда бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он ба муҳаққиқони соҳаи лаҳҷашиносии таърихӣ ва муосир ҳамчун роҳнамо хизмат менамояд. Ҳамзамон, нуктаҳои муҳимми дар диссертатсия дарҷгардидаро метавон аснои таълифи китобҳои дарсию

дастурҳои методии марбут ба лаҳҷашиносӣ, лексикология, услубшиносӣ ва таърихи забон истифода намуд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии тоҷик муносибати забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ бори нахуст мавриди баррасии васеъ ва амиқ қарор дода шуда, ҳамчунин вижагиҳои боқимонии онҳо дар доираи маводи шева ошкор карда шудааст.

Кори диссертатсионӣ аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, фаслҳову зерфаслҳо, хулоса, феҳристи асарҳои таҳқиқӣ ва рӯйхати мақолоти интишорнамудаи муаллиф иборат буда, 169 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки аз се фасл иборат мебошад, **«Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба исму сифати «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Фасли аввали боби мазкур **«Матолиби муқаддамотӣ»** ном дошта, дар он перомуни назари як қатор муҳаққиқон дар бораи пойдормонии калимаҳои куҳан дар шеваҳои ҳозира ва хусусиятҳои забони осори Абдурраҳмони Ҷомӣ сухан рафтааст. Довталаби дараҷаи илмӣ қайд кардааст, ки агарчи дар забоншиносӣ роҷеъ ба масъалаи тадқиқи гурӯҳе аз гӯйишҳои тоҷикӣ ё лаҳҷаҳои алоҳидаи ин ё он гурӯҳи гӯйишҳо навиштаҳои илмӣ ва фарҳангномаҳои сершуморе ба табъ расидаанд, ҳатто феҳрасти осори ба масъалаи мазкур бахшидашуда низ таҳия ва чоп гардидааст, аммо дар атрофи масъалаи робитаи гузаштагонамон бо лаҳҷаю шеваҳои имрӯзаи забони тоҷикӣ ва ё баръакс алоқаи шеваю лаҳҷаҳои забонамон ба забони давраҳои пешин пажуҳиши вижа анҷом дода нашудааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур, **«Аносири луғавии мансуб ба исм»** ном дошта, калимаҳое чун, *тошт, эзор, тирез, бора, каманд, даст, бозоргон, пойтоба, ғирев, залла, машк, пушта, нишебӣ* ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюм ба баррасии хусусиятҳои пойдормонии калимаҳои аслии мансуб ба сифати тазкираи Абдурраҳмони Ҷомӣ дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Боби дуюми рисола **«Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба ҷонишин, феъл ва зарфи «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** унвон дошта, аз чаҳор фасл ва як зерфасл иборат мебошад.

Фасли якум **«Матолиби муқаддамотӣ»** ном дошта, доир ба таҳлили муқоисавии забони осори сарчашмаҳои куҳан бо гӯйишҳои имрӯза сухан меравад. Инчунин, муаллиф дар бораи забоншиносоне, ки дар атрофи муносибати забони осори классикӣ бо гӯйишҳои имрӯза маълумот додаанд, андешаҳои судманд баён мекунад. Маълум аст, ки воҳидҳои луғавии дар осори даврони куҳан дучороянда дар пешравӣ ва рушди шеваҳои забони тоҷикӣ заминаҳои устувор боқӣ гузоштаанд. Аз ин рӯ, ба таври амиқ таҳлил намудани онҳо зарурати воқеист.

Дар фаслҳои дигар калимаҳои марбут ба ҷонишин (*ку* ва ғайра), феъл (*даромадан, кашидан, бош, пурсидан, молидан, тофтан, кадхудо шудан, тела кардан*) ва зарф (*чошт, нав, фардо, бехост* ва ғайра) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Соҳибрисола зимни баррасӣ феълҳои таркибии номиро дар зерфасли алоҳида баррасӣ намудааст.

Боби сеюми рисола **«Вижагиҳои калимаҳои иқтибосии «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** ном дошта, фарогири чаҳор фаслу чаҳор зерфасл аст. Дар фаслу зерфаслҳои ин боб доир ба калимаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла, вомвожаҳои арабӣ, туркӣ ва портӣ маълумоти муфид оварда шудааст. Калимаҳои арабӣ аз ҳама бештар ҳамчун вомвожаҳои иқтибосӣ ба забони адабии ҳозираи тоҷик мавқеъ гирифта, баъзан маънои луғавии худро аз даст дода, маънои нав касб намудаанд. Барои нишон додани хусусиятҳои вомвожаҳои боби мазкур диссертант аз «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва пешиниёни ӯ намунаҳо оварда, онҳоро таҳлили маъноӣ ва морфологӣ намудааст.

Хулоса аз 15 банд иборат буда, вобаста ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқ назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст.

Аҳаммияти амалии диссертатсия аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар сатҳи зарурӣ нишон дода шуда, бардоштҳои асоси пажуҳиш дар 10 мақола: 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва панҷ мақола дар маҷмуаю маҷаллаҳои илмии дигар рӯйи чоп омадаанд.

Диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Автореферат, ки аз диссретатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид ба назар гирифтани баъзе нуктаҳои зер барои боз ҳам боло бурдани сифати илмию назарии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар саҳифаи 10-и диссертатсия номи олими адабиётшинос Шарифмурод Исрофилниё дар қатори олимони забоншинос оварда шудааст. Аз ин рӯ, номи асари доир ба забон навиштаи ӯ дар поварақ оварда мешуд, хубтар мешуд.

2. Дар саҳ. 54-и вожаи «сахт» ҳамчун сифат тавзеҳ дода шудааст: *Сухани ӯ сахт борик шуд*. Инҷо «сахт» сифат набуда, зарф аст.

3. Номи бобҳои рисола ва фаслҳои он ҳамагӣ якрангу якхела ба назар мерасанд. Масалан, дар охири номҳои боби аввал, дуюм ва сеюм ва фаслҳову зерфаслҳои онҳо **«Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ...»** (с. 19, 58) ё **«Аносири луғавии марбут ба зарф», «Аносири луғавии марбут ба исм (сифат, ҷонишин, феъл ва зарф»** такрор ба такрор оварда шудааст, ки нуқсони услубиро ба бор меоварад.

4. Дар ҷумлаи «Бачек-ат-ба канфит тийам, бата́р гирйа кард» (с. 52) вожаи «батар» зарф аст, на сифат.

5. Дар саҳифаҳои 52-55 калимаҳои «пок» (дар се мисол) ва «сахт» баррасӣ шудаанд, шарҳу эзоҳи бештарро талаб мекунанд.

6. Вожаҳои «савгандшикан», «ваъдахилоф», «вайронкунанда» (с. 125) ба шахс далолат мекунанд, барои ҳамин исманд на сифат.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, професори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Гадоев Нурхон

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Даҳана.
Тел.: (+992) 98 538 00 54
E-mail: Gadoevn47@mail.ru

Имзои профессор Гадоев Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон Ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассиса:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 37 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj

05-сентябри соли 2025-ум.